**Тақризи**

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ҳайдарзода Мурод Пирмаҳмад дар мавзӯи «Проблемаҳои мукаммалсозии қонунгузорӣ ва квалификатсияи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Ҳайдарзода М.П. яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқшиносӣ – проблемаҳои мукаммалсозии қонунгузории зиддиэкстремистӣ ва квалификатсияи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор дода шудааст.

Таблиғоти бесобиқаи идеологияи экстремистӣ дар солҳои охир боиси ба вуқӯъ пайвастани амалҳои бераҳмонаи ҷиноятӣ ва задухӯрдҳои мусаллаҳона дар Шарқи наздик ва дигар кишварҳои олам гардида, барои инсоният хатари бузургеро эҷод намудааст. Тоҷикистон дар зарфи 29 соли истеқлолияти давлатии худ бо ин зуҳуроти номатлуби хусусияти фаромиллидошта пайгирона муқовимат намуда, дар самти таъмини амнияти ҷамъиятӣ ва давлатӣ таҷрибаи зарурӣ касб кардааст. Новобаста ба ин, дар зарфи даҳ соли охир рӯ ба афзоиш ниҳодани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта, боиси нигаронии роҳбарияти давлат ва аҳли ҷомеа гардидааст.

Мавзӯи интихобнамудаи муҳаққиқ ба таври мунтазам мавриди таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифта, дар доираи тақвияти мубориза ба экстремизм пешниҳод менамоянд, ки номгӯйи субъектони мубориза ба ин зуҳӯроти номатлубро тавсеъ дода, ҷавобгарӣ ва ҷазо барои содиркунии ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат, барои ҷиноятҳои хусусияти

террористӣ ва экстремистидошта, хиёнат ба Ватан, шарикӣ дар чунин ҷиноятҳо, аз ҷумла, барои ташкилкунандагону шахсони ёрирасон, сахттар карда шавад. Такмил додани заминаҳои ҳуқуқӣ ва ниҳодӣ вобаста ба амалияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» ва «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020» низ бевосита дарҷ гардидаанд, ки омӯзиши масъалаҳои мукаммалсозии қонунгузории зиддиэкстремистӣ, аз ҷумла, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо мақсади бо таври дуруст квалификатсия кардани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта тақозо менамояд.

Новобаста ба он ки олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар радифи шадидшавии муносибатҳои сиёсӣ дар ҷаҳон ва рушд ёфтани низоъҳои диниву мазҳабӣ дар минтақа ба омӯзиши муаммоҳои назария, қонунгузорӣ ва амалия дар самти муқовимат ба экстремизм диққати назаррас додаанд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти илмии бунёдӣ вобаста ба хусусиятҳои миллии қонунгузорӣ, мавҷудияти проблемаҳо дар ин самт ва роҳҳои бартарафсозии онҳо то айни замон мавҷуд нестанд. Бинобар ин, дар шароити густариши идеологияи фаромилллии экстремистӣ ва афзоиши содиршавии ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта, экстремизм ҳамчун падидаи серпаҳлуи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ба таҳлили амиқи илмӣ ниёз дорад.

Муаллиф экстремизмро дар Тоҷикистон ҳамчун кирдори хавфноки ҷамъиятии хусусияти фаромиллидошта арзёбӣ менамояд, ки суботи ҳамзистии одамон ва рушди муътадили муносибатҳои ҷамъиятӣ ва амнияти давлатиро халалдор месозад. Аз ин лиҳоз, ба омӯзиши моҳияти экстремизм аз дидгоҳҳои гуногуни илмӣ ва ташреҳи мафҳуму истилоҳоти он аз нигоҳи таърихӣ ва ҳуқуқӣ диққати махсус додааст.

Ӯ мавқеи худро вобаста ба ташаккулёбии мафҳуми «экстремизм» дар ростои мафҳумҳои «радикализм», «фундаментализм»,

«натсионализм», «расизм» хеле хуб таҷассум намуда, мавҷудияти ангезаҳои маҳалчигиро дар мафҳуми муосири «экстремизм» хосси қонунгузории миллии Тоҷикистон медонад. Аммо вобаста ба тағйирёбии равандҳои иҷтимоӣ эҳтимолияти пайдоиши дигар намудҳои экстремизм (аз рӯи мансубияти ҷинсӣ, забонӣ ва ғ.)-ро инкор намекунад.

Муҳаққиқ асосҳои назариявии мавҷудияти шаклҳои зӯроварона ва ғайризӯроваронаи экстремизмро тавсиф намуда, дар бандҳои минбаъдаи таҳқиқот тавонистааст, ки мазмуни онҳоро дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва ватанӣ хеле хуб пайгирӣ намояд, ки аз мустақилияти илмиву эҷодии ӯ дарак медиҳад.

Яке аз навгониҳои дигари таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки аввалин шуда дар илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ дар баробари ба таври оммавӣ содир гардидани экстремизм, тарзи пинҳонӣ содир шудани он асоснок карда мешавад ва дар мафҳуми «экстремизм», ки аз тарафи муаллиф пешниҳод гардидааст, аломати мазкур ҷойгузин мебошад.

Дар доираи таҳқиқоти мазкур муҳаққиқ ба ҳалли яке аз вазифаҳои мушкилтарини илми ҳуқуқи ҷиноятӣ - ошкор сохтани проблемаҳои қонунгузории зиддиэкстремистии ватанӣ ва бартараф сохтани муаммоҳои он вобаста ба квалификатсияи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта пардохтааст. Ӯ яке аз роҳҳои ҳалли мушкилот дар фаъолияти судиву тафтишотиро дар самти муқовимат ба экстремизм дар мукаммалсозии мафҳумҳои баҳсангези «фаъолияти экстремистӣ» ва «ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта», ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - **КҶ ҶТ**) мустақар гардидаанд, эътироф намуда, мавқеи худро дар асоси далелҳои кофӣ ҳифз менамояд.

Ба андешаи муаллиф, таърифи аз ҳад васеи «фаъолияти экстремистӣ» дар қонунгузории амалкунандаи зиддиэкстремистӣ, тамоми ҳудудеро, ки онро аз мафҳуми «фаъолияти террористӣ» ҷудо мекунанд, ноаён месозад. Мавҷуд набудани номгӯйи пурраи ҷиноятҳои

хусусияти экстремистидошта дар КҶ ҶТ низ баҳсҳои назарраси илмӣ ва амалиро ба бор овардааст. Ӯ пешниҳод менамояд, ки ба номгӯйи амалкунандаи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта (143, 157, 158, 160, 185, 188, 189, 237, $237^{1}$, 242 ва 243 КҶ ҶТ) моддаҳои 307, $307^{1}$, $307^{2}$, $307^{3}$ ва $307^{4}$ КҶ ҶТ ворид карда шаванд, зеро онҳо низ аз рӯйи ангезаҳои кинаю адовати сиёсӣ, нажодӣ, миллӣ ё динӣ содир карда мешаванд. Инчунин, иброз медорад, ки моддаи 185 КҶ ҶТ мувофиқи муқаррароти қонунгузории амалкунанда, ҳамчун ҷинояти хусусияти террористидошта маҳсуб ёфтааст ва иловатан ҳамчун ҷинояти хусусияти экстремистидошта эътироф намудани он дар сатҳи қонунгузорӣ аз нуқтаи назари илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва техникаи қонунгузорӣ номумкин аст, ки ин мавқеи муаллиф сазовори ҷонибдорӣ мебошад.

Бо назардошти мавҷудияти ду шакли экстремизм (зӯроварона ва ғайризӯроварона) муҳаққиқ асоснок менамояд, ки мафҳуми «фаъолияти экстремистӣ», ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» дарҷ гардидааст, мафҳуми криминологӣ буда, ҷавобгӯйи талаботи назарияи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ нест ва он бояд мазмуни моддаҳои дахлдори Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки метавонанд бо ангезаҳои экстремистӣ содир шаванд, фарогир бошад. Зеро онҳо шакли ғайризӯроваронаи экстремизми муосирро ташкил медиҳанд. Ин мавқеи муаллиф низ ҷолиби диққат аст, зеро зуҳуроти муосири экстремизм вобаста ба дараҷаи хавфнокиашон таъсиррасонии пай дар пай ва бо низомро тақозо намуда, барои пешгирии онҳо фароҳам овардани заминаи мусоиди ҳуқуқӣ тақозои замон мебошад.

Муаллиф дар асоси таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, пурсишҳои сотсиологӣ ва назарияҳои муқтадири илмӣ иброз медорад, ки моддаҳои $307^{1}$, $307^{2}$ , $307^{3}$ КҶ ҶТ меъёрҳои бланкетӣ мебошанд ва ҳангоми квалификатсияи онҳо дар фаъолияти судиву тафтишотӣ мушкилоти назаррасе эҷод мегардад, зеро кормандони амалӣ маҷбур мегарданд, ки

мазмуни баҳсангези «фаъолияти экстремистӣ», «иттиҳоди экстремистӣ» ва «ташкилоти экстремистӣ»-ро дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» ё соҳаҳои дигари ҳуқуқ ҷустуҷӯй намоянд. Аз ҷумла, аз мазмуни м. $307^2$ **КҶ ҶТ** бармеояд, ки ба ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта моддаҳои 157, 158, 160, 185, 188, 189, 237, $237^1$, 242 ва 243 марбут дониста шудаанд. Яъне, шахс барои ташкили иттиҳоди экстремистӣ танҳо дар он ҳолате ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки агар мақсади иттиҳоди экстремистӣ содир намудани ҷиноятҳои номбурдаро дошта бошад. Аммо агар шахси гунаҳгор барои содир кардани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта, аз қабили моддаҳои 307, $307^1$, $307^3$, $307^4$ тайёрӣ, суиқасд ва ё онҳоро содир карда бошад, пас, бояд бо м. $307^2$ ба ҷавобгарӣ кашида нашавад. Зеро номгӯйи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидоштаи дар м. $307^2$ **КҶ ҶТ** пешбинишуда, бинобар сабаби духӯрагӣ ва номукаммалӣ ҳангоми татбиқ намудани меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ ба манфиати айбдоршаванда (судшаванда, маҳкумшуда) тафсир (маънидод) карда мешаванд.

Муаллиф моддаҳои $307^1$, $307^2$ ва $307^3$ **КҶ ҶТ** - ро дар муқоиса ба моддаҳои 189, 307 **КҶ ҶТ** мавриди таҳлил қарор дода, ба хулоса меояд, ки мувофиқи муқаррароти моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» барангахтани кинаю адовати миллӣ нажодӣ ё динӣ (м.189 **КҶ ҶТ**) ва даъватҳои оммавӣ дар асоси ангезаҳои сиёсӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани асосҳои сохти конститутсионӣ (м. 307 **КҶ ҶТ**) ба «фаъолияти экстремистӣ» марбут дониста мешаванд. Фарқияти асосии м. 189 **КҶ ҶТ** аз м. 307 **КҶ ҶТ** пеш аз ҳама, дар он аст, ки дар м. 189 **КҶ ҶТ** ангезаҳои хусусияти миллатчигӣ, маҳалгароӣ, нажодӣ ва ё динидошта ҳамчун аломати ҳатмии тарафи субъективии ҷиноят муайян карда шудаанд, дар м. 307 бошад, ангеза ва мақсади ҷиноят танҳо тамоюли сиёсӣ доранд. Дар сурати рақобати м. $307^1$ **КҶ ҶТ** бо моддаҳои 189 ва 307 **КҶ ҶТ** агар дар кирдори ҷиноятӣ ангезаҳои сиёсӣ бо кирдорҳои ҷиноятӣ вобаста ба

барангехтани кинаю адоват аз рӯйи ангезаҳои динӣ, мазҳабӣ, миллатчигӣ ва ё маҳалгароӣ дар ҳамгироӣ ба вуқӯъ пайванданд, пас, квалификатсияи кирдор ба м. $307^1$ **КҶ ҶТ** мувофиқи матлаб аст, зеро ингуна кирдорҳои ҷиноятиро муқарраротн ин меъёр бо пуррагӣ дар бар мегирад. Лекин ҷавобгарии ҷиноятӣ мувофиқи муқаррароти моддаи $307^1$ **КҶ ҶТ** нисбат ба моддаҳои 189 ва 307 **КҶ ҶТ** дар якҷоягӣ сабуктар буда, боиси вайрон гардидани принсипи дифференсиатсияи ҷавобгарии ҷиноятӣ гардидааст.

Муаммои дигари қонунгузории зиддиэкстремистии амалкунанда, ин фарқ намудани аломатҳои таркиби моддаҳои $307^2$ ва $307^3$ **КҶ ҶТ** мебошад, ки боиси ба миён омадани баҳсҳои илмӣ ва мушкилоти назаррас дар таҷрибаи судиву тафтишотӣ гардидааст. Проблемаи асосӣ дар ин самт дар меҳвари мафҳумҳои «иттиҳоди экстремистӣ» ва «ташкилоти экстремистӣ» ба миён омадаст, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ то айни замон оид ба ин масъала назари умумиэътирофшуда мавҷуд нест.

Ба андешаи муаллиф як таркиби ҷиноят аз рӯйи аломатҳои тарафи объективиаш дар ду модда мустақар гардидааст. Барои ҳамин ҳангоми квалификатсияи ҷиноятҳое, ки дар як маврид ҳам аломатҳои иттиҳоди экстремистӣ ва ҳам ташкилоти экстремистиро доранд мушкилоти назаррас ба миён меоянд, зеро ҳангоми аз тарафи суд эътироф намудани иттиҳоди экстремистӣ ҳамчун ташкилоти экстремистӣ, ба таври дақиқ тафриқакунонии табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии чунин ташкилот дар доираи моддаҳои $307^2$ ва $307^3$ **КҶ ҶТ** ғайриимкон мегардад.

Дар таҳқиқот вобаста ба мушкилоти зикркарда, пешниҳодҳои мушаххас иброз гардидаанд, ки заминаҳои назариявӣ-ҳуқуқии танзими қонунгузорӣ ва квалификатсияи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидоштаро ташкил дода, ҳамчун навгониҳои илмии соҳаи ҳуқуқшиносӣ маҳсуб меёбанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ, ҳуқуқӣ, оморӣ ва амалияи судиву

тафтишотӣ мустаҳкам карда шудаанд. Услуби равони ибрози ақида ва асосноккунии мантиқан дурусти афкори муаллиф, саҳми шахсии ӯро дар таълиф намудани таҳқиқот собит месозад.

Нуктаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ инъикос ёфтаанд.

Аҳамияти мусбати таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки он дар Тоҷикистон аввалин диссертатсия бо забони давлатӣ дар самти муқовимат ба экстремизм маҳсуб ёфта, заминаи мусоидро дар ҷумҳурӣ барои идома додани таҳқиқоти илмӣ дар мавзӯи мазкур фароҳам меорад.

Дар асоси афкори матраҳшуда, метавон иброз дошт, ки таҳқиқоти диссертатсионии Ҳайдарзода Мурод Пирмаҳмад дар мавзӯи «Проблемаҳои мукаммалсозии қонунгузорӣ ва квалификатсияи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ буда, худи унвонҷӯ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ:

Сардори факултети № 2 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, дотсент Ҳ.С. Сафарзода

Имзои Ҳ.С. Сафарзодаро тасдиқ менамоям

Сардори шуъбаи кадрҳои Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон А.Ё. Абдуллозода